

# Иҷрои барномаи давлатии сармоягузориҳо, грантҳо ва сохтмони асосӣ барои солҳои 2015-2017

Пӯшида нест, ки дар ҳамаи даврaҳои таърихӣ яке аз рукнҳои асосию пешбарандаи ҷомеаи инсонӣ ва пояҳои муҳими давлатдорӣ соҳаи маориф маҳсуб меёбад. Бе муболиға рушду нумӯи ҳар як давлату миллат аз рушду инкишофи соҳаи маориф алоқмандии сахт дорад.

Хушбахтона, баъд аз ба даст омадани истиқлолияти давлатӣ ба ин соҳаи ҳаётан муҳиму пешбарандаи ҷомеа аз ҷониби сарвари давлат, Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аҳамияти махсус зоҳир шуда истодааст.

Дар ин давра аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии

Тоҷикистон як қатор санадҳои ҳуқуқии меъёрие қабул карда шуданд, ки самтҳои асосии рушди соҳаи маорифи кишварро муайян намудаанд, ки муҳимтаринашон «Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2015», «Барномаи давлатии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2015» ва «Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020» ба ҳисоб мераванд.

Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон сатҳи маълумотнокиро ҳамчун сарчашмаи асосии рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар ва шаҳрвандони он122 дониста, самтҳои асосии рушди соҳаи маорифро муайян менамояд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои соҳибистиқлолӣ дар рушди соҳаи маориф ва баланд бардоштани сифати таълиму тарбия ба дастовардҳои калон ноил гардид. Дар ин давра заминаи моддию техникии муассисаҳои таълимӣ пурқувват карда шуда, муассисаҳои таълимии наву ба шароитҳои замонавӣ мутобиқ сохта шуданд ва дар қисми зиёди онҳо корҳои таъмирию азнавбарқарорсозӣ гузаронида шуданд. Дар қатори муваффақиятҳои бадастомада, инчунин аз сабаби нарасидани маблағҳои молиявӣ як қатор мушкилотҳои соҳаи маориф ҳанӯз ҳам ҳалли худро наёфтаанд. Аз ҷумла, дар соҳаи таҳсилоти миёнаи умумӣ проблемаҳои сохтмони биноҳои нави таълимӣ, таҷдид ва идомаи сохтмони бинои мактабҳои нимсохт, шумораи зиёди мактабҳое, ки

таъмири асосиро талаб менамоянд, таъмини нопурраи мактабҳо бо ашёву айёниятҳо ва таҷҳизотҳои таълимию озмоишгоҳӣ, техникаи компютерӣ, технологияҳои нави омӯзишӣ ва ғайра беҳбудиро мехоҳанд.

Дар ҷумҳурӣ имрӯз 3805 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ мавҷуд аст. Аз ин теъдод 530 ададашро муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, 651 адад муассисаҳои таҳсилоти асосӣ, 2423 адад муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, 87 адад гимназия, 59 адад литсей ва 55 ададашро мактаб-интернатҳо ташкил медиҳанд. Дар баробари ин, 52 муассисаи таълимии ғайридавлатӣ, 8 мактаби ғоибона ва 31 интернати наздимактабӣ фаъолият намуда истодаанд.

Айни ҳол дар ҷумҳурӣ биноҳои зиёди муассисаҳо дар ҳолати садамавӣ қарор дошта, бисёре аз онҳо ба таҷдид ва таъмири асосӣ ниёз доранд.

Бахри беҳтар намудан ва қонеъ гардонидани талаботи мамлакат оид ба сифат дар низоми таҳсилот ва ба назар гирифтани афзуншавии шумораи хонандагон аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2013 лоиҳаи «Сохтмон ва муҷаҳҳазгардонии мактабҳо” дар ин самт қабул гардида, амалишавии он аз соли 2015 оғоз гардид.

Лоиҳаи мазкур яке аз лоиҳаҳое ба шумор меравад, ки мақсади асосии он рушд ва беҳтар намудани таҳсилоти умумӣ ва қонеъ гардонидани талаботи мамлакат ба низоми таҳсилот ва шумораи

афзуншавандаи хонандагон таввасути сохтмон ва муҷаҳҳазгардонии якчанд мактабҳо дар ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Коллективи меҳнатии Марказ, ки ҳаштод фоизи онро ҷавонон ташкил медиҳанд, бо ташкилоти хурди ҳизбии "Созандагон" бахри татбиқи сиёсати пешгирифтаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият намуда, барои корҳои бунёдкорона ва созанда тадбирҳои муфиду саривақтӣ меандешад ва бо сифати баланд нақшаҳои хешро, ки барои беҳтар намудани сатҳу сифати таҳсилот ва фарогирии бештари равона шудаанд, сарбаландона иҷро менамояд.

Қайд кардан зарур аст, ки айни ҳол корҳои сохтмониву васлгарӣ дар понздаҳ иншоот (муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ) аз ҷониби ширкатҳои сохтмонӣ тибқи талаботи Фонди Саудии Рушд, МҚС (Меъёрҳою қоидаҳои сохтмони Ҷумҳурии Тоҷикистон) ва талаботҳои федератсияи байналмилалии муҳандисон-мушовирон (FIDIC) оғоз гардида, бо суръат чараён дорад ва дар сохтмони онҳо зиёда аз 2500 нафар коргарони маҳаллӣ ба кор ҷалб гардидаанд, ки ин барои паст кардани сатҳи бекорӣ ва камбизоатӣ дар маҳалҳо мусоидат менамояд.

Дар доираи амалишавии Лоиҳа иҷрои вазифаҳои зерин, сохтмони понздаҳ мактаби нави замонавӣ бо иқтидори лоиҳавӣ барои 340, 560, 660 ва 820 ҷойи нишаст, аз ҷумла чор мактаб бо иқтидори лоҳавӣ барои 340 ҷойи нишаст бо назардошти кабинетҳои фаннӣ ва ёздаҳ мактаб бо

иқтидории лоҳавии 560, 660 ва 820 ҷойи нишаст бо назардошти кабинетҳои фаннӣ ва тамоми инфрасохтор пешбинӣ шудааст.

Қайд кардан зарур аст, ки дар доираи амалишавии Лоиҳа таъмин ва муҷаҳҳазгардонии синфхонаҳо, кабинетҳои фаннӣ, толори варзишӣ, ошхона ва китобхона ба нақша гирифта шудааст.

Дар партави раванди корҳои ободониву бунёдкории Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида ба биступанҷумин солгарди истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон шаш моҳ пеш аз муҳлат, муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №51 деҳаи Меҳнатободи ҷамоати деҳоти Рӯдакии ноҳияи Восеъ, №23 дар деҳаи Давлатободи ҷамоати деҳоти Зарбдори шаҳри Кӯлоб, №32 дар деҳаи Курӯди ҷамоати деҳоти ноҳияи Айнӣ, №61 дар деҳаи Моғиёни ҷамоати деҳоти Моғиёни шаҳри Панҷакент ва №4 деҳаи Тутқавули ҷамоати деҳоти Пули Сангини шаҳри Норак мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифтанд.

Натиҷаҳои ниҳоии Лоиҳаи мазкур имконияти ба ҷои нишаст фаро гирифтани зиёда аз 16000 мактаббачагонро дар ду баст доро буда, шароитро барои имконияти бо ҷойи корӣ таъмин намудани зиёда аз 2000 омӯзгорон ва ҳайати кормандони техникӣ фароҳам меорад.